“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор ________ Раҳмон Д.С.
“_04_” _09_ соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Собирова Назира Соличоновна дар мавзуи “Ташаккули рафтори ичтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи точик”, ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-ичтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи ичтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Солҳои охир мачмӯаҳои гуногуне таҳия гардиданд, ки ба технологияҳои ба шахсият нигаронида бахшида шудаанд, мақолаҳо оид ба технологияҳои алоҳидаи ба шахсият нигаронидаи таълиму тарбияи хонандагон интишор ёфтанд, як қатор корҳои диссертатсионӣ оид ба технологияҳои рафтори арзишпазири хонанда анчом дода шуданд, таҳрики фаъолияти муассисаҳои илмии алоҳида оид ба коркарди муаммоҳои таълиму тарбия, аз чумла, оид ба муаммоҳои ташаккули хонандагони хурдсол ба назар мерасад. Таҳлили ин таълифот ба диссертант имкон додааст, ки тавсифи рафтори ичтимоии хонандагони хурдсолро тавасути анъанаҳои миллии хатқи точик анчом диҳад.

Дар шароити кунунии таълиму тарбия ташаккули рафтори ичтимоии хонандагон дар системаи донишҳои илмӣ, педагогӣ, психологӣ, фалсафӣ ва дигар соҳаҳои муҳими ҳаёти ичтимоии шахс яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Ташкили дурусти рафтори чамъиятӣ иштироки васеи хонандаи хурдсолро на танҳо дар бозиҳо, балки дар одитарин навъҳои меҳнат дар бар мегирад. Хонандагон аллакай дар ин синну сол дар нигоҳубинӣ боғ ё полиз иштирок мекунанд, дар мучаҳҳаз кардани муассисаи таълимӣ ёрӣ мерасонанд, малакаву маҳорати амалиро аз худ менамоянд. Дар баробари ин сифатҳои ахлоқиеро аз худ менамоянд, ки муносибати мусбатро ба меҳнат таъйин мекунанд, хусусан, агар он бо назардошти анъанаҳои этноминтақавӣ амалӣ гардад. Бинобар ин, мо чунин мешуморем, ки ба муаммои бунёди мундаричаи аз чиҳати илмӣ асосноки тарбия дар заминаи маводи этноминтақавӣ, истифодаи

таҷрибаи педагогикаи халқӣ, ғояҳои он дар бораи тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол таваҷҷуҳ бояд зоҳир кард.

Таъкид бомаврид аст, ки расидан ба Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта дар баробари тамоюлҳои мусбат бозингарии идеалҳо, пошхӯрӣ ва бекурбшавии низоми арзишҳои анъанавӣ, вайроншавии назорати рафтори ҷамъиятӣ, назорати субъективии ҳар як шахсият ба рафтори худаш, шаклдигаркунии асосҳои ахлоқии зиндагиро ба миён овард. Ин дар навбати худ, дигаргунсозӣ ва таҷдиди куллии хусусият, тарз ва шартҳои фаъолияти педагогиро дар ҳама гуна навъи муассисаҳои таълимию тарбиявиро тақозо кард. Зарурати бошиддати муайян намудани шартҳои наве ба миён омад, ки зимни онҳо таҳсилоту тарбия дар кишвари мо минбаъд амал карда, инкишоф ёфта метавонанд. «Маъруфият»-и таҳқиқот оид ба ошкор намудани шартҳои нави педагогӣ, психологӣ, ташкилиро, ки таълиму тарбияро дар шароити нав маҳз ба ҳамин вобаста мебошад.

Вобаста ба андешаҳои болозикр, ҷиҳати баргузории таҳқиқот унвонҷӯ Собирова Назира Солиҷоновна мавзӯи “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” интихоб намудааст.

Ҳадафи таҳқиқотро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан ва коркарди амалии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик ташкил медиҳад. Асосгузори сулҳу ваҳдат имиллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 қайд намудаанд, ки “Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад”. Бинобар ин таҳқиқи рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик яке аз падидаҳои нав дар педагогикаи тоҷик маҳсуб мегардид.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмии Унвонҷӯй Собирова Назира Солиҷоновна ба омӯзиш ва таҳлили дараҷаи коркарди илмии муаммои ташаккул ва рушди рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол нишон медиҳад, ки дар педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ тарафҳои гуногуни ин

муаммо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ба онҳо пеш аз ҳама, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба камолоти насли наврас бахшида шуда, таълифоти марбут ба раванди иҷтимоигардонии шахсият ва ташаккули ҳисси шаҳрвандӣ, таҳаммулпазирӣ, фарҳанги рафтор нигарон аст.

Қайд бояд кард, ки солҳои охир дар илми педагогика таҳқиқотҳое анҷом дода шудаанд, ки ба коркарди муаммоҳои педагогикаи мардумӣ бахшида шудаанд. Бо вуҷуди бунёдӣ будани ин таҳқиқот, на ҳамаи онҳо таҳсилоти ибтидоии мактабиро фаро мегиранд. Таҳқиқоти ҷудогона оид ба иҷтимоигардонии хонандагони хурдсол ва ҷалби онҳо ба фарҳанги миллӣ анҷом дода шудаанд, аммо таълифоте, ки дар онҳо имконияти ангезиши ташаккули сохторҳои рафтории шахсияти хонандаи хурдсол дар заминаи анъанаҳои халқи тоҷик баррасӣ шудаанд, анҷом наёфтаанд.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи Собирова Назира Солиҷоновна бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш масъалаи ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсолро дар муассисаи таълимӣ баррасӣ намуда, хусусиятҳои таъсири онҳоро ба шаклгирии ҷаҳонбинӣ, хештаншиносӣ ва худогоҳии милии хонандагон дар шароити муосир ошкор намудаст.

Мубрамии мавзуъ, нокифоя будани коркарди назариявии он, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли ихтилофҳои зикршуда, ҳамчунин талаботи амалия ба ҷамъбаст ва муназзам намудани таҷрибаи мактабҳо оид ба ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол интихоби мавзӯи таҳқиқотро асоснок намуданд, ки муаммои он ангезишҳои афзалиятноки ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик мебошад.

Дар идома диссертант таъкид менамояд, ки дар ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол омилҳои мухталиф таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки рафтори иҷтимоӣ ҳамчун заминаиа сосии ташаккули муносибати ҷамъиятии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ баррасӣ карда шавад.

Аз таҳлили адабиёти илмию методӣ бармеояд, ки пажӯҳиши масъалаи ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол аҳамияти илмию амалиро касб мекунад, то дар истифодаи техника ва технологияҳои муосир таълим назоратро ба роҳ монда, баҳри самаранокии он аз ҷониби омӯзгорону волидон тамоми чораҳо андешида шаванд. Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводҳои нашргардидаи муаллиф инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба

таври комил дар бар мегиранд. Накш ва мақоми ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои милии халқи тоҷик бо ғузаронидани корҳои санҷишӣ-озмоишӣ тасдиқ карда шудааст.

Дар рисолаи Собирова Назира махсусан коркарди тарҳи (модели) “Ташаккули рафтори иҷтимоӣ”-ро бояд қайд намуд, ки дар он муносибат, робита ва фаъолияти якҷояи омӯзгорон, волидон ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи самараноки муҳтавои анъанаҳои милии халқи тоҷик дар раванди таҳсил ва берун аз он бо як пайдарҳамӣ ва алоқамандӣ мураттаб гардидааст. Дар тарҳи мазкур, махсусан таассурпазирии миллии хонандагон кӯмак мерасонд, ки азхудкунии арзишҳои фарҳанги худро ангезиш медод; ҳамчунин, сифатҳои умумиинсонӣ, мисли шавқу рағбат ба хонандагони фарҳангашон дигар, ба санъати меъмории онҳо, сулҳхоҳӣ, муносибати инсонпарварона ба намояндагони хадамоту касбҳои шаҳри бунёдшаванда низ ёрӣ мерасонд,мавриди истифода қарор ёфтаанд.

Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқотҳои илмии психологӣ–педагогӣ, таҳлили осори фалсафию таърихӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ вазъи нақши пешбарандаи рафтори иҷтимоиро дар рушди хонанда, ҷанбаҳои назариявии фаъолияти педагогӣ дар раванди навоварӣ дар таълим, таълимот оид ба моҳият ва вазифаҳои тарбияи ҷамъяитии хонандагонро амиқ омӯхта, дар асоси таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа нуктаи назари хешро иброз намояд.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

- шароити педагогие, ки барои ташаккули самараноки рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол мусоидат мекунанд, аз ҷиҳати назариявӣ муайян гардида, аз ҷиҳати технологӣ аз санҷиш гузаронида шаванд;

- ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назардошти анъанаҳои миллӣ амалӣ гардад, ба рафтори онҳо таъсири назаррас мерасонанд;

- низоми ташаккули рафтори иҷтимоӣ коркард шавад, ки онро дар тамоми давраҳои ҳаёти кӯдак дар муассисаҳои таълимӣ ва оила истифода метавон кард;

- агар тарбия бо назардошти анъанаҳои миллии халқи тоҷик ба ташаккули фарҳанги рафтори хонандагони хурдсол равона карда шавад.

- ҷамъбасти корҳои санҷишӣ-озмоишӣ ва пешниҳодот дар асоси маҷмӯи натиҷаҳои бадастомада бо омӯзгорон, хонандагону волидон дар муассисаҳои пойгоҳӣ натиҷаҳои мусбатро нишон доданд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори нахуст самаранокии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфта, нақш ва мақоми анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар самарабахшии фаъолияти таълимӣ  массисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; самтгирии шахсиятӣ ва фаъолмандонаи раванди педагогӣ дар синфҳои ибтидоӣ, дар он ташкил намудани муҳити инкишофдиҳанда, таъсири мутақобили таҳсилоти ибтидоӣ ва оила, такя ба омодагии рафторӣ ва этнофарҳангии хонандагони хурдсол; дар сохтори рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол афзалияти нишондиҳандаҳое, мисли фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ, фарҳанги рафтор ошкор гардиданд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти анҷомёфта аз он иборат аст, ки амсилаҳои ангезишҳои ташаккули рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик тарҳрезӣ гардид. Аз ҷумла, ангезишҳое, ки ба тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон таъсир мерасонанд, ангезишҳое, ки ба ташаккули рафтори таҳаммулпазири хонандагон ёрӣ мерасонанд, ангезишҳое, ки шаклгирии қоидаҳои одоби рафторро таъйин мекунанд. Ғайраз ин, низоми амалкарди технологияҳои гуногун коркард шуд, ки ба ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик таъсир доранд.

Таҳқиқоти мазкур метавонад зарурияти коркард ва истифодаи технологияи ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро нишон дода, самарабахшии ҳамкории онҳоро дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон таъмин намояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки меъёрҳо, сатҳҳо, тавсифҳои рафтор, ангезишҳои ташаккули он, ки ошкор гардиданд, норасоии воситаҳои педагогии дигар ва захираҳоро дар ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик пурра мекунанд. Маводи диссертатсия дар хондани курси педагогикаи мактабӣ, этнопедагогика дар донишгоҳи педагогӣ ва дар низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф метавонанд истифода шаванд.

Пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гаштаанд, барои самаранокии низоми педагогии ташаккули рафтори иҷтимоии

хонандагони хурдсол зимни таҳсил ва берун аз он мусоидат карда метавонанд.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо такя ба дастовардҳои илмҳои педагогию психологии муосир ва маводи озмоишҳои амалӣ бори нахуст масъалаи ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагонро тавассути анъанаҳои милии халқи тоҷик дар муассисаҳои таълимӣ ба таври амиқу густурда мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ намудааст. Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводҳои нашргардидаи муаллиф инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дарбар гирифтаанд.

Қобили зикр аст, ки натиҷаи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, маводи конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳо баррасӣ шуда, дар мақолаҳо инъикос ёфтааст, ки 7 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

**Дар боби якум** "Асосҳои методологӣ ва назариявии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик" муҳаққиқ қайд менамояд, ки бо ворид гардидани ҷомеаи кунунии кишварамон ба марҳилаи дигаргуниҳо хонандагони муассисаҳои таълимӣ имрӯз дар муҳити сифатан нав ва тазодҳои иҷтимоӣ қарор доранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз фарҳанги иҷтимоӣ ва тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагон як қарад рӯ ба костагӣ овардааст. Барои ислоҳи чунин нуқтаи назаи бояд шароити муосиди педагогию психологӣ фароҳам овард.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони "Асосҳои назариявию амалии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар асарҳои илмию методӣ" таҳлили адабиёти илмии фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ шакл ва методҳои асосии кор бо волидон таҳлил гардида, мазмуну мундариҷаи кор бо волидон муайян ва идеяи муносибати тафриқавӣ (дифференсиалӣ)-иҳамкорӣ бо волидон ва баланд бардоштани фарҳанги педагоги иттилоотии онҳо пешниҳод карда мешавад.

Муаллифи рисола дар он ақида аст, ки солҳои охир дар маҷрои дидгоҳи ба шахсият нигаронида технологияҳои нави педагогӣ шакл гирифтанд ва ӯ чунин мешуморад, ки ба худ хос будани технологияҳои ба шахсият нигаронида аз самтгирӣ ба хислатҳои шахсияти хонандаи хурдсол, ба меъёр даромадани онҳо на аз рӯйи дархости ягон кас, балки дар мувофиқат бо хусусияти фитрӣ иборат аст. Ба онҳо

самтгирии инсонпарварона, рӯй овардан ба инсон, меъёру идеалҳои инсонгароёна хос мебошанд. Дар ин замина метавон гуфт, ки дар коркарди низоми таълиму тарбияи ба шахсият мувофиқ ба кадом ҷиҳату хусусияти рафтори шахсият самт бояд гирифт.

Қаринаи омодагии миллии хонандагони хурдсол пеш аз ҳама, ҷузъи иҷтимоӣ, яъне «мувозинат» бо сотсиуми муҳит, аз тарафи дигар, ҷузъи фаъолиятиро дар бар мегирад. Ҷузъи якум чунин таъсироти мутақобилро бо хонандагон пешбинӣ менамояд, ки ба назардошти хусусиятҳои этносҳои дар минтақаи мазкур зиндагикунанда асос меёбад: маҳорати муошират бо хонандагон дар муҳити бисёрфарҳанг, амалиозии кори тарбиявӣ бо назардошти махсусияти этнофарҳангӣ, донистани анъанаҳои ҳам этноси худ, ҳам этносҳое, ки ба онҳо хонандагон мансубанд, такя ба соҳаи эмотсионалии этноминтақавии хонандагон, қобилияти дар насли наврас ташаккул додани ҳисси нишот аз тамос бо фарҳанги миллӣ, истифодаи эҷодиёти шифоҳии халқ, манбаъҳои дигари этноминтақавӣ (масалан, санъат) ҳангоми кор бо хонандагон, маҳорати ҷалб намудани анъанаҳои миллӣ ва ғ.

Натиҷаҳои ба дастомада собит мекунад, ки ташаккули ҷаҳонбинӣ ва рафтори иҷтимоии хонандагон дар шароити имрӯза, мавриде ки муассисаи таълимӣ, оила, созмонҳои ҷамъиятӣ воситаҳои ахбори умум ба насли наврас таъсири гуногунсамт мерасонанд, ба яке аз вазифаҳои муҳим ва мубрам табдил ёфтааст.

Дар боби дуюм «Технологияи педагогии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик» роҳҳо ва воситаҳои асосии таҳкими рафтори иҷтимоии хонандагони тавассути анъанаҳои милли халқи тоҷик мавриди пажӯҳиш қарор ёфтааст.

Мувофиқи мақсади таҳқиқоти мазкур шароитҳои педагогии самаранокии фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва хонавода муайян гардида, шаклҳои кор бо хонандагон, аз ҷумла, ташкили ҷорабиниҳои тарбиявие, ки амалинамоии анъанаҳои милии халқи тоҷикро дар бар мегирад, маслиҳатҳои инфиродӣ, конфронсҳои умумии муассисаи таълимӣ мавриди истифода қарор ёфтанд.

Озмоише, ки дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронида шуд, ба консепсия дар бораи вобастагии инкишофи кӯдак ба самтгирии ба шахсият нигаронида ва миллии раванди педагогӣ дар муассисаи таълимӣ асос ёфтааст.

Дар раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ (солҳои 2017-2022) дар пойгоҳи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №22, 24,

гимназияи №4-и шаҳри Хуҷанд ва муассисаҳои таҳсилотимиёнаиумумии№15, 29-и ноҳияиБ.Ғафуровгурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ интихоб шуданд, ки бо ҳамдигар аз рӯйи меъёрҳое наздиканд, ки аз ҷониби муҳаққиқ дар фасли қаблӣ муайян гардиданд. Дар мувофиқат бо фарзия озмоиш ба ҳалли вазифаҳои зерин равона шуд:

- густариш додани имконияти мутобиқшавии хонандагон дар гурӯҳ, аз ҷониби онҳо аз худ шудани меъёрҳои амалкунанда, арзишҳо, шаклҳои фаъолият ва рафтор;

- инфиродигардонӣ дар азхудкунии тасаввурот ва мафҳумҳо оид ба шаҳрвандият ва ватандӯстӣ. Ҳайати педагогӣ ба хонандагон эҳсосеро талқин менамояд, ки ба андешаҳо, ақидаҳои онҳо бо эҳтиром муносибат мекунанд, дар онҳо маҳорати мувофиқ кардани рафтори шаҳрвандии худро бо рафтори хонандагони дигар ташаккул медиҳад;

- шиносоӣ бо анъанаву маросими халқи худ ва оилаи худ, ташаккули зуҳуроти муҳаббат ба Ватан, талқин намудани хонандагон ба кирдорҳои мусбати шаҳрвандӣ тариқи бозиҳои махсус. Аз ҷониби хонандагон дарк шудани арзишҳое, ки онҳо дар раванди корӣ таҷрибавӣ-озмоишӣ аз худ карданд.

Муайян гардид, ки дар раванди ҷорӣ кардани технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳо ва истифодаи метод ва тарзҳои гуногуни таълим шавқу завқи хонандагонро ба донишандӯзӣ баланд мебардорад.

Ба андешаи муаллиф санҷиши шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги иҷтимоию педагогӣ дар ҷараёни таълиму тарбия гузаронида шудаанд, натиҷаи самаранокии худро ба масъалаи таҳқиқшаванда исбот намуданд, ки фарзияи таҳқиқотро тасдиқ намуд.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронии довталаб, сарфи назар аз баъзе норасоиву камбудиҳои ҷузъӣ, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Муаллифи диссертатсия тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтааст, ки истифодаи усулҳои психологию педагогӣ ва шаклу воситаҳои инноватсионӣ барои самаранокии низоми ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол зимни таҳсил ва берун аз он бе шубҳа мусоидат менамоянд.

Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои ба даст омада аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти

миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин намудаанд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтвои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабърасондаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод гардидааст, таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Эродҳо ба кори диссертатсионӣ. Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Муаллифи диссертатсия оид ба роҳу восита ва шаклҳои гуногуни ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик маълумоти зиёд додааст, вале дар ин росто бисёр хуб мешуд, роҷеъ ба ҷойгоҳ ва мавриди истифода қарор додани анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар кори муассисаҳои таълимӣ, ки дар шароити имрӯза дар шакл гирифтани ахлоқу маърифати насли наврас ва ҷавонон аз ҳама бештар мусоидат мекунанд, андеша ва хулосаҳои худро манзур мекард ва бад-ин васила арзиши илмиву амалии таҳқиқоти худро бештар мекард.

2. Муаллифи рисола оид ба роҳҳо ва воситаҳои иҷтимоишавии хонандагон маълумоти зиёде ҷамъ оварда, механизми татбиқи онҳоро нишон додааст, аммо вазъи омодагии касбии омӯзгорони муассисаҳои таълимиро бобати татбиқи амалии ин масъала баррасӣ накардааст.

3. Дар руйхати адабиёт шумораи нокифояи корҳои илмӣ оид ба масъалаи татбиқи анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар таълиму тарбияи навли наврас аз ҷониби олимони ватанӣ хеле кам ворид гардидааст,

ҳол он ки ин сарчашмаҳо дар матни диссертатсия васеътар таҳлил гардидаанд.

4. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳи забони рисола, меъёрҳои услубӣ ва қоидаҳои меъёрии пунктуатсия ва имло, хатогиҳои услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ дар рисола ва автореферат мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам боло гардонидани мазмуни таҳқиқ хоҳад буд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи "Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик", дар ҳудуд ва микёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

Хулоса, тахассуси илмии довталаб Собиров Назира Солиҷоновна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи Собиров Назира Солиҷоновна "Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсияҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мутобиқ мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, Давлатова Ниёзбӣ Ҳабибуллоевна мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ **Собирова Назира Солиҷоновна** иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи

педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 12 нафар устодону омӯгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 12 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳиипедагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 31.08.2023, №1).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ,
мудири кафедраи педагогикаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсет — Назаров Ҳотам Сарфарозович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Давлатова Ниёзбӣ Ҳабибуллоевна

Котиби ҷаласаи
васеи семинари илмӣ-назариявӣ — Набиева Савлат Тилавқуловна

31.08.2023

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 21; Тел: (83322) 2 35 06
E-mail: info@kgu.tj; www.kgu.tj

Имзои Назаров Ҳ.С., Далатова Н.Ҳ., Набиева Савлат Тилавқуловнаро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.